# ХОИНОНИ МИЛЛАТ БА МАҚСАДИ ҒАРАЗНОКИ НОПОКИ ХУД НАМЕРАСАНД

Тибқи хабарномаи расонаҳо дар саннаи 03.02.2025 тақрибан соатҳои 15:44 дақиқа гурӯҳи 9-нафараи маҳбусони Муассисаи ислоҳии №3/2-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз асбобҳои худсохти халандаю бурранда, ба кормандони масъул-нигаҳбонҳои муассисаи ислоҳотӣ ҳучуми ҳалокатовар карданд.

Дар натиҷаи ҳамла, 3 нафар корманд, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматии хеш машғул буданд, ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардоштанд.

Маҳбусон ба талаботи қонунии маъмурияти муассиса итоат накарда, бо истифода аз кордҳои худсохти оҳанини нӯгтез ва халанда, аъмоли ҷинояткоронаи худро бидуни даъвою шартгузорӣ давом доданд ва талош карданд, ки сарбозони ҳифозатии муассисаро ба қатл расонида, фирор намоянд.

Муҳофизон тибқи қонун ва дастурамали хизматӣ амал намуда, маҷбур гаштанд, ки дар муқобили ҷинояткорон аз силоҳи оташфишон истифода баранд. Дар натиҷа, 3 ҷинояткор безарар ва боқимондаи онҳо дастгир карда шуданд.

Ба захмбардоштагон саривақт ёрии тиббӣ расонида шуд. Вазъи саломатии онҳо муътадил арзёбӣ мегардад.

Низоми нигаҳдошт ва ҳимояи муассиса пурра барқарор гардид.

Ин амали нангин амали дасти гурруҳои ифротие, ки берун аз Ватан қарор доранд мебошад. Мақсади онҳо халалдор намудани оромии шаҳрвандон мебошад. Ҳамаи супоришҳо ва вазифаҳое, ки ба ӯҳдаи худ доранд аз раҳбарони хориҷии худ гирифта ба ивази нақшаҳояшон ба онҳо маблағгузорӣ карда мешаванд. Пеш аз амали сангин сар задан хоини давлату миллат Муҳаммадиқболи Садриддин дар сомонаҳои расмии худ ҳамаи ин кирдорҳои нопоки худ ва хоҷагони хориҷиашро нашр карда гуфтааст. Ин амалҳои террориистӣ пешакӣ таҳрезӣ карда шуда, мехостанд пеш аз интихобот фикрҳои мардумро парешон кунанд ба ақидаи мардум ҳаргуна нофаҳмӣ ва бадбдинию бадкирдориро нисбат ба давлату миллат ҷо кунад.

Ба ҳама шаҳрвандони кишвар ва расонаҳо маълум мебошад, ки ҳамаи он маҳбусон, ки дар ин кор шарик буда, маҳбусони зархарид мебошанд, ҳамаи онҳоро аз хориҷ гурруҳо ва ташкилотҳои террористи маблағгузорӣ кардаанд. Ҳамаи онҳо барои терроризм-экстремизм маҳкум буданд. Онҳо мехостанд бо роҳи зуроварӣ ва куштор аз муассисаи ислоҳотӣ гурехта

амнияти ҷомеъа ва шаҳрвандонро халалдор созанд, аммо ба ниятҳои нопокӣ худ нарасиданд.

Он маҳбусоне, ки нияти нопок доштанд бо роҳбарии гуррҳҳои ифроти ва ташкилотҳои террористие, ки аз берун раҳбари менамоянд ва назорат карда мешаванд. Муҳиддин Кабири, Муҳаммадиқболи Садриддин ва дигар гуррӯҳое, ки ба мисли гуррӯҳои: "Гуррӯҳи-24, Ислоҳ-ТВ, Паймони мардум" ва дигар шахсону гуррӯҳое, ки бо ташкилот ва гуррӯҳои террористи ҳамкори доранд ва намехоҳанд давлати миллати мо дар амн  бошад гуфтаниям, ба мақсадҳои нопоки худ ҳеҷгоҳ нахоҳед расид ва кушишҳам накунед.

Мо ҷавонон ва шаҳрвандон Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сохторҳои ҳифзи ҳуққуқ ва он кормандоне, ки ҷарроҳатҳо барои ин давлату миллат дар вақти адои хизмат бардоштанд ва нахостанд ниятҳои нопокӣ онҳо амалӣ шаванд пеши роҳи ин ҷиноятдоронро гирифтанд сипосгузор ҳастем, ки пеши роҳ ва ниятҳои нопокӣ ҷиноятдорони хунхори Ватанро ки дар фикри ноороми кишвар мебошанд гирифтанд.